# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (ш. Душанбе, 2026 – 90 саҳ.)**

Автореферати диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим мутобиқ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мазмун ва натиҷаҳои асосии кори илмиро ба таври пайдарпай, фишурда ва равшан инъикос менамояд. Аз муҳтавои он бармеояд, ки таҳқиқот ба яке аз масъалаҳои муҳимми назарияи ҳуқуқ ва таърихи давлатдорӣ – уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун институти ҳуқуқӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва конститутсионӣ бахшида шудааст. Ҳамчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки уҳдадории ҳарбӣ яке аз падидаҳои муҳимтарини ҳуқуқи давлатӣ ва маъмурӣ ба шумор рафта, заминаи мудофиа ва амнияти миллиро ташкил медиҳад. Ин мавзуъ ҷанбаҳои амиқи назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ дорад.

Дар автореферат ҷузъҳои асосии таҳқиқот, аз ҷумла мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмет, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаи эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии муаллиф ба таври кофӣ инъикос гардидаанд. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки дараҷаи омодагии илмии довталаб, мантиқи дохилии таҳқиқот ва саҳми шахсии ӯ дар таҳияи мавзуъ дуруст арзёбӣ карда шавад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.**

Мубрамияти мавзуи интихобшуда, пеш аз ҳама, аз он бармеояд, ки уҳдадории ҳарбӣ дар ҳар давлати мустақил яке аз воситаҳои асосии таъмини амният, ҳифзи истиқлолият, нигоҳдории тамомияти арзӣ ва пойдории сохти конститутсионӣ баʿҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар шароити мураккаби геосиёсӣ қарор дошта, таҳкими иқтидори мудофиавӣ ва ташкили низоми самараноки иҷрои уҳдадории ҳарбӣ барои он аҳаммияти доимӣ дорад.

Дар баробари ин, уҳдадории ҳарбӣ танҳо масъалаи ташкили Қувваҳои Мусаллаҳ ё тартиби даъвати шаҳрвандон нест. Ин падида бо мақоми ҳуқуқии шахс, таносуби ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрванд, масъулияти давлат дар назди ҷомеа ва масъулияти шаҳрванд дар назди давлат робитаи мустақим дорад. Аз ин рӯ, таҳлили он дар доираи назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат имкон медиҳад, ки уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқӣ ва ҳамзамон ҳамчун шакли зоҳиршавии робитаи ҳуқуқии шахс бо давлат арзёбӣ карда шавад.

Мавзуъ аз он ҷиҳат низ муҳим мебошад, ки дар солҳои охир қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ тағйир ва такмил ёфта, шаклҳои нави адои уҳдадории ҳарбӣ, масъалаҳои бақайдгирии ҳарбӣ, даъват, омодасозии шаҳрвандон, таъмини ҳуқуқҳои даъватшавандагон ва хизматчиёни ҳарбӣ, инчунин истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ аҳаммияти бештар пайдо кардаанд. Ҳамаи ин равандҳо таҳлили илмӣ ва арзёбии назариявӣ-ҳуқуқиро тақозо менамоянд.

Мубрамияти таҳқиқот ҳамчунин бо он муайян мегардад, ки дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ масъалаи уҳдадории ҳарбӣ то ҳол ба таври монографӣ ва низомнок мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аксар таҳқиқоти мавҷуда танҳо баъзе ҷанбаҳои хизмати ҳарбӣ, таърихи ҳарбӣ ё масъалаҳои маъмурӣ ҳуқуқии даъватро фаро мегиранд. Дар чунин шароит таҳқиқи уҳдадории ҳарбӣ дар пайвастагӣ бо таърихи ташаккули он, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таҷрибаи муқоисавии давлатҳо ва нақши ватандӯстӣ саривақтӣ ва зарур мебошад.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки муаллиф мақсади таҳқиқотро муайян намудани хусусияти ҳуқуқӣ, мазмун, шаклҳои танзим ва рушди уҳдадории ҳарбӣ дар шароити муосир, бо назардошти хусусиятҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии Тоҷикистон қарор додааст. Барои расидан ба ин мақсад вазифаҳои илмии мувофиқ, аз ҷумла таҳлили принсипҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ, омӯзиши ташаккули таърихии он, таҳқиқи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар заминаи уҳдадории ҳарбӣ, таҳлили таҷрибаи хориҷӣ ва муайян намудани нақши ватандӯстӣ пешбинӣ шудаанд.

Навгонии илмии кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки уҳдадории ҳарбӣ дар доираи илми ҳуқуқшиносии миллӣ ҳамчун объекти мустақили таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф онро танҳо ҳамчун тартиби адои хизмати ҳарбӣ шарҳ надода, балки ҳамчун институти мураккаби ҳуқуқӣ, ки дар низоми вазифаҳои конститутсионӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва сиёсати амниятии давлат мавқеи махсус дорад, таҳлил менамояд.

Дар автореферат ба таври равшан нишон дода шудааст, ки диссертант уҳдадории ҳарбиро бо дигар уҳдадориҳои шаҳрванд муқоиса намуда, мақоми онро дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳо, вазифаҳои шахс муайян мекунад. Ин равиш барои назарияи ҳуқуқ аҳаммияти муҳим дорад, зеро масъалаи уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд, дар муқоиса бо ҳуқуқ ва озодиҳо, дар адабиёти ҳуқуқӣ камтар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ҷиҳати дигари навгонии таҳқиқ дар таҳлили таърихии уҳдадории ҳарбӣ зоҳир мегардад. Муаллиф рушди ин падидаро аз марҳилаҳои қадим, анъанаҳои зардуштӣ ва исломӣ, таҷрибаи давлатдориҳои миллии тоҷикон, давраи шӯравӣ ва марҳилаи соҳибистиқлолии Тоҷикистон пайгирӣ менамояд. Чунин тарзи таҳлил имкон медиҳад, ки уҳдадории ҳарбӣ на

ҳамчун меъёри тасодуфии қонунгузории муосир, балки ҳамчун падидаи дорои решаҳои амиқи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва таърихӣ фаҳмида шавад.

Дар таҳқиқот ҳамчунин таҳлили муқоисавии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Исроил, Сингапур, Гурҷистон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва дигар кишварҳо ҷой гирифтааст. Ин таҳлил ба муаллиф имконият додааст, ки баъзе роҳҳои эҳтимолии такмили низоми миллии уҳдадории ҳарбӣ, аз ҷумла бақайдгирии электронии ҳарбӣ, интихоби тасодуфии даъватшавандагон ва тақвияти омодагии ҳуқуқии шаҳрвандонро пешниҳод намояд.

Сохтори автореферат бо мазмун ва сохтори диссертатсия мувофиқ буда, қисмҳои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Дар қисмати муқаддимавии автореферат масъалаҳои умумии таҳқиқ, аз ҷумла мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаи эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва интишороти илмӣ нишон дода шудаанд.

Хулоса ва тавсияҳои амалии дар автореферат инъикосёфта ба такмили қонунгузории миллӣ, ҷорӣ намудани принсипи ногузирии уҳдадории ҳарбӣ, баланд бардоштани синни ниҳоии даъват, рушди бақайдгирии электронии ҳарбӣ, такмили омодагии ҳарбӣ ва тақвияти тарбияи ватандӯстӣ равона шудаанд. Ин пешниҳод, дар маҷмуъ, аҳаммияти амалӣ дошта, метавонанд дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Бо вуҷуди арзёбии мусбати автореферат ва аҳаммияти илмии таҳқиқот, баъзе масъалаҳо хусусияти баҳсталаб доранд. Аз ҷумла, дар автореферат пешниҳоди муаллиф оид ба баланд бардоштани синни ниҳоии даъват аз 27 ба 30-солагӣ баён гардидааст, аммо асосҳои иҷтимоӣ, демографӣ ва ҳуқуқтатбиқии чунин тағйирот ба таври муфассал шарҳ дода нашудаанд. Ба андешаи мо, ин пешниҳод ниёз ба асосноккунии иловагӣ дорад, зеро тағйири синни даъват метавонад ба доираи васеи муносибатҳои иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва оилавии шаҳрвандон таъсир расонад.

Эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии кори анҷомдодашударо коҳиш намедиҳад. Баръакс, он метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф ва ҳангоми такмили пешниҳоди амалии марбут ба низоми уҳдадории ҳарбӣ ба инобат гирифта шаванд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ба таври кофӣ инъикос менамояд. Автореферат аз ҷиҳати сохтор, мазмун, тарзи баён ва мувофиқат ба талаботи корҳои илмӣ қобили қабул буда, имконият

медиҳад, ки сатҳи илмии таҳқиқот ва аҳаммияти назариявӣ ва амалии он дуруст арзёбӣ карда шавад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Муминзода Маҳмадшариф Нозим ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р.М. Раҷабзода

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Сино
Тел.: (+992) 918611853 E-mail: rrm_67@mail.ru

Имзои Раҷабзода Р.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Н. Насурдинзода

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Саид Носир, 33
телефон: +992 (37) 224-17-86
E-mail: info@apa.tj http://www.avkd.tj

«18» 05 2026 с.